«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

________ Хушвахтзода Қ. Х.

«21» 09 2020

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович **«Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – рӯзноманигорӣ дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Мушовири илмӣ: Имомзода Муҳаммадюсуфи Сайдалӣ - доктори илмҳои филологӣ, академик.

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса карда шуд:**

Мавзӯи диссертатсия актуалӣ буда, дар он масъалаи ташаккулу таҳаввули матбуоти маҳаллии кишвар ҳамчун як типи хоси матбуоти даврӣ дар журналистика ва публитсистикаи тоҷик пажуҳиш шудааст. Равандҳои идеологӣ, эътимоду боварии ҷомеа, таваҷҷуҳи рӯзмарраи ҳокимият, фазову муҳити маънавӣ, унсурҳои фазои иттилоотӣ ва дигар омилҳо боис гардидааст, ки фаъолмандии иҷтимоии корманди матбуот дар роҳи дарёфти табъу завқи хонанда бештар гардад. Дар давоми сад соли охир публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ тамоми мавзӯоти иҷтимоиву сиёсиро фаро гирифта, нақши он дар ҷараёни мураккаби ҳалли вазифаву муаммоҳои муҳими замон назаррас аст. Матбуоти маҳаллӣ ба сифати оинаи рӯзгори як маҳал бо нақши оммавию

иттилоотӣ, иҷтимоию маънавӣ, тарбиявию сиёсӣ ва таблиғиву ташвиқӣ ҷузъе аз таркиби фазои иттилоотиро ташкил дода, дар тарбияи сиёсиву маънавии ҷомеа нақши муайяни худро соҳиб гаштааст.

Солҳои сиюм оғози ба майдон омадани матбуоти маҳаллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, баъзе заминаҳои дигари он дар солҳои бистуми асри гузашта инкор карда намешавад. Бештарини рӯзномаҳои маҳаллии кишвар дар солҳои сиюм таъсис ёфтаанд, ки дар ин радиф матбуоти НТМ, аз ҷумла «Шаҳриёр» (1932) ва «Набзи Файзобод» (1933) истисно нестанд. Остонаи ташаккули матбуоти маҳаллӣ ин давра ба ҳисоб рафта, аз солҳои ҶБВ то нимаи аввали солҳои панҷоҳум давраи нисбатан мушкили мавҷудияти ин навъи матбуот дар тамоми ҷумҳурӣ мебошад. Минбаъд, аз соли 1960 то соли 1990 давраи беҳтарини инкишофи матбуоти маҳаллии кишвар ба ҳисоб рафта, замони истиқлолият даврони гузариш ва мутобиқшавии матбуоти маҳаллӣ ба шароити нав аст, ки баъзе омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар шаклгирии он бетаъсир нестанд.

Дар замони шӯравӣ матбуоти маҳаллии кишвар ҳамчун дастгоҳи тарғиботии ҳизби ягонаи ҳукмрон таъиноти иҷтимоиву сиёсии худро мушаххас карда, то ҳанӯз ин нақши тарғибиву ташвиқии он дар сиёсати давлатӣ ва дастгоҳи тарғибу ташвиқи ҳокимияти маҳалҳо будани он эътироф карда мешавад. Дар замони истиқлолият мубаллиғи фаъоли сиёсату идеологияи давлатӣ ба ҳисоб рафта, хосияту вазифаҳои нашрияҳоро ҳамин вазифаи пешгузошта муайяну мушаххас намудааст.

Публитсистикаи бадеӣ дар ин нашрияҳо набзи ҳаёти иҷтимоиро дар тамоми давраҳо назора карда тавонистааст. Дар ин роҳ мушоҳидаву ҷаҳонбиниҳо, андешаву тафаккур, фаросату маърифат, донишу маҳорат ва садоқату эътимоду идроки муаллифон боис гаштаанд, ки ин ҷараёнҳо ба таҳқиқ гирифта шаванду ҷолибу таъсирбахш инъикос гарданд. Дар робита бо ҳамоҳангӣ ба сиёсати замон маърифату ҷаҳонбинии адибон, публитсистон ва журналистон

хислати иҷтимоиву адабӣ пайдо кардааст ва ин махсусият мустақилияти эҷоди онҳоро таъмин намуда, тавонистааст, ки ҷомеаро дар рӯҳияи матлуб тарбия намояд.

Зарурати интихоб ва таҳқиқи мавзӯъ дар шинохти публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ ҳамчун як шохаи маълуми публитсистика дар ҳамаи давраҳо мусоидат намуда, инъикоси ҳақиқати рӯз, фарогирии мавзӯоти ҳаётӣ, оммавияту воқеиятписандӣ, мутобиқати мушаххаси замониву маконӣ, қолабҳои маълуми жанрӣ ва сабку услуби ҷолиб мавқеи назарраси онро дар публитсистикаи матбуотиву китобӣ равшан месозад.

Дар пажӯҳиши мавзӯъ докторант муносибати илмӣ намуда, таҳлилу ташхис, назару андеша, мубоҳисаву хулосаҳои таҳқиқотиашро дар такя ба андешаҳои олимони соҳаи адабиёт ва журналистика бо асноду далелҳо асоснок кардааст.

Дар таҳқиқот диссертант кӯшиш намудааст, ки бо такя ба пажӯҳишҳои бaанҷомрасида аносири умумӣ ва хосаи нашрияҳои маҳаллӣ, ҷанбаҳои таърихии матбуоти маҳаллии кишвар, уфуқҳои мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, вижагиҳои мавзӯоти фарҳангиву худшиносии миллӣ, инъикоси муҳимтарин мавзӯоти сохтмону бунёдкориҳои кишварро таҳқиқ намояд ва махсусияти онҳоро нишон диҳад.

Дар ҷараёни таҳқиқ проблемаҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ дар замони шӯравӣ ва соҳибистиқлолии кишвар таҳқиқ ва баррасӣ шудааст.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ назари худро бо далелҳо асоснок намудааст. Таҳқиқи публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ дар шинохту арзёбии саҳеҳи масъалаи номбурда хидмат намуда, ҷойгоҳи онро дар доираи дигар навъҳои публитсистика муайяну мушаххас месозад. Ба ин маънӣ, имконияти публитсистикаи бадеии

матбуоти маҳаллӣ дар инъикоси воқеиятнигоронаи ҳодисаю воқеаҳо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст.

Кор дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, диссертант манбаву сарчашмаҳоро, ки ба мавзӯи мавриди таҳқиқ алоқамандӣ доранд, омӯхта, назари донишмандон ва муҳаққиқони публитсистикаро таҳлил намуда, ба хулосаҳои асоснок расидааст.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқотии худ ноил шудааст.

Диссертатсия паҳлуҳои гуногуни масъаларо фаро гирифта, барои ошкор намудани моҳияту махсусиятҳои публитсистикаи матбуотӣ нигаронида шудааст. Равиши таҳқиқ ба омӯзиши публитсистика оид буда, дар ин замина хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод» низ мушаххас гардидааст.

Дастовардҳои пажӯҳишро публитсистон, рӯзноманигорон, донишҷӯёни гурӯҳу шуъба ва факултетҳои журналистика, кормандону мутахассисоне, ки дар соҳаи ВАО фаъолият мекунанд, метавонанд истифода баранд. Ҳамчунин аз маводи диссертатсия ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, гузаронидани курсу семинарҳои таълимии ихтисосҳои рӯзноманигорӣ истифода кардан мумкин аст.

Диссертант нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқро дар шакли маърӯза дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2016-2020) ироа намудааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар беш аз 26 мақола ва 6 рисолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст:

[1-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. «Набзи замон» дар асри иттилоотӣ / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – Душанбе: Сино, – 2014. – №3/9 (154). – С.314-316.
[2-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Нақши ҷолибияти сарлавҳа / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – Душанбе: Сино, 2014. – №3/9 (154). – С.301-304.
[3-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Нигоҳе ба мавзӯи ватандӯстӣ дар шеъри иҷтимоии Бозор Собир / А. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2015. – №4/1(159). – С. 292 – 296.
[4-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Ҷанбаи публитсистии як роман / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон (бахши филологӣ). – Душанбе: Сино, 2015. – №429(163). – С.282-284.
[5-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ., Раҳмонова Ҷ. Мақсад ва моҳияти матбуоти зинаи поёнӣ / А.Қутбиддинов, Ҷ.Раҳмонова // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/7. – С.309-312.
[6-М]. Қутбиддинов, А., Раҳмонова Ҷ. Чанд хосияти мондагори публитсистика // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/7. – С.266-270.
[7-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ., Раҳмонова Ҷ. Вазифаҳои дирӯзу имрӯзи матбуоти маҳаллӣ / А.Қутбиддинов, Раҳмонова Ҷ //Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе: Сино, 2018. – №1. – С.268-273.
[8-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ., Иноятова З.П. Чанд шинохти ноқил ва муаллиф / А. Қутбиддинов, З.Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2019. – №2. – С. 275-280.
[9-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ., Иноятова З.П. Нақши ноқил дар анвои наср / А. Қутбиддинов, З.Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2019. – №3. – С. 229 – 234.
[10-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Заминаҳои пайдоиши матбуоти маҳаллӣ / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе: Сино, 2019. – №5. – С.284-287.
[11-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Имкон ва нерӯйи матбуоти маҳаллӣ / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (бахши илмҳои филологӣ).– Душанбе: Сино, 2019. – №7. – С.272-275.
[12-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Баъзе ҷанбаҳои таърихии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон / А. Қутбиддинов, // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2019. – №6. – С. 297 – 301.
[13-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Матбуоти маҳаллӣ дар муҳит ва фазои иттилоотӣ / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.(бахши илмҳои филологӣ) . – Душанбе: Сино, 2019. – №7. – С.297-301.

[14-М]. Қутбиддинов А.Ҳ. Моҳияти идеологии матбуоти маҳаллӣ / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.(бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе: Сино, 2019. – №8. – С.282-285.

[15-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Омилҳои рушди матбуоти маҳаллӣ / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе: Сино, 2019. – №8. – С.305-309.

[16-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Матбуоти маҳаллӣ ва рақобат дар шароити нав / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №1, 2020.- С.263-268.

[17-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Мавзӯъ ва мундариҷаи матбуоти маҳаллӣ / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №1, 2020.- С.298-304.

[18-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Хусусиятҳои иҷтимоӣ ва таъйиноти матбуоти даврӣ / А.Қутбиддинов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2020. – №2 (63), 2020. – С.137-142.

[19-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Назаре ба таърихи ташаккули нашрияи "Шаҳриёр" / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – №2 (85). – С.168-174.

[20-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Чанд шинохти матбуот аз нигоҳи муҳаққиқони тоҷик / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №4.- С.279-284.

[21-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Назаре ба марҳилаҳои инкишоф ва рисолатҳои матбуоти тоҷик / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №5. – С.321-327.

Диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон" (дар мисоли нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод") ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ мувофиқ буда, он ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – рӯзноманигорӣ тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраҳои матбуот, журналистикаи байналхалқӣ, телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар

ҷаласа 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Суратҷаласаи № 2, аз 19 сентябри соли 2020.

Раиси ҷаласа,

доктори илми филология,

профессори кафедраи матбуот __________ Муродов М.

Котиби ҷаласа,

дотсент, мудири кафедраи

телевизион ва радиошунавонӣ __________ Гулов С.

«Тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон __________ Тавқиев Э.

Суроға:

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,

WWW.tnu.tj

тел: (+992) 8342264715